«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«_31_»______10______2023с.

## НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ № 3

ҷаласаи якҷояи кафедраҳои молия ва суғурта, кори бонкӣ ва системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 28 октябри 2023с. ш. Душанбе

Раисикунанда: Ғаюров Ғайрат Ҳакимович - н.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи кори бонкии ДМТ

Котиб: Юсупов Шодмон Насурович - н.и.и., дотсент мудири кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ.

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Улухоҷаева Х.Р., д.и.и., профессор Умаров Ҳ.У., д.и.и., профессор Шамсов И.С., д.и.и., дотсент Комилов А.К., н.и.и., дотсент Юсупов Ш., н.и.и., дотсент Ҳусейнов М.Р., н.и.и., дотсент Шарипов У.Ҷ., н.и.и., дотсент Гулаков У., н.и.и., дотсент Давлатшоев О.Ҳ., н.и.и., дотсент Бобоев Ф.Ҷ., н.и.и, дотсент Сайфуров К.Ф., н.и.и., дотсент Икромов Ф.Н., н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ., н.и.и., дотсент Худойназаров Д.А., н.и.и., муаллими калон Имомназарова Т.А., роҳбари кори илмӣ д.и.и дотсент Иброҳимзода И.Р. ва мутахассисони даъватшуда аз Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон д.и.и., дотсент Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Ҳикматов У.С. ва н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф.К.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии аспиранти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи: «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур аспирант Ибодов Аваз Ҳасанович баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳимият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии диссертатсияи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуд, ки тақвияти муносибатҳои иқтисодӣ, густариши фаъолияти субъектони иқтисодӣ, ташаккули низоми хоҷагидорӣ, рушдёбии иқтисодиёти рақамӣ ва тараққиёбии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба вусъатёбии муносибатҳои пулию қарзӣ асос гузошт. Дар ҳамин раванд, яъне ташаккул ва рушди муносибатҳои пулию қарзӣ ва низоми бонкӣ нақши аҳолӣ низ баланд арзёбӣ карда мешавад. Зеро аҳолӣ бо ташкилотҳои қарзӣ дар робитаи мустақим қарор дорад ва ташаккулдиҳандаи сармояи низоми бонкӣ ба шумор меравад. Гузашта аз ин, истифодаи доираи васеъи хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои бонкӣ аз тарафи аҳолӣ саводнокии муайян ва донистани принсипҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзиро тақозо мекунад. Аз ин ҷост, ки саводнокии молиявӣ ва ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ дар шароити муосири иқтисодӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти дониши молиявии аҳолӣ Ҳукумати кишвар тадбирҳои зарурии андешида, ҳамкориҳои судмандро бо институтҳои молиявии байналхалқӣ роҳандозӣ карда истодааст, ки дар ин самт муҳим арзёбӣ карда мешавад. Махсусан, дар ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, аз ҷумла дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ба саводнокии молиявии аҳолӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир гардидааст, ки аз мубрамияти он шаҳодат медиҳад. Такмилдиҳии маърифати молиявии аҳолӣ ва таъсири он ба рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки ин омил сабаби асосии интихоби мавзӯи мазкур гардида, заминаи таҳқиқотро дар самт фароҳам овард.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён: д.и.и., профессор Улухоҷаева Х.Р., д.и.и., профессор Умаров Ҳ.У., н.и.и., дотсент Шарипов У.А., д.и.и., дотсент Комилов А.Қ, н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф., н.и.и., дотсент Икромов Ф.Н., ба аспирант саволҳо пешниҳод гардид ва ба саволҳои онҳо Ибодов Аваз Ҳасанович ҷавобҳои саҳеҳу мукаммал гардонид.

Баъдан роҳбари илмии аспирант доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Иброҳимзода Илҳом Раҷабалӣ баромад намуда, оид ба фаъолияти

педагогӣ ва илмии Ибодов Аваз Ҳасанович маълумот дод, аз ҷумла иброз карда шуд, ки аспирант қобилияти баланди педагогӣ ва эҷодию амалӣ дошта, диссертатсияи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Баъдан Шамсов И.С.- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, Сайфуров К.Ф.- номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи кори бонкӣ ва Ҳусейнов М.Н., - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта барои ҳимоя тавсия намуданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, инчунин д.и.и., профессор Улухоҷаева Х.Р., д.и.и., профессор Умаров Ҳ.У, н.и.и., дотсент Давлатшоев О.Ҳ. д.и.и., дотсент Комилов А.К. баромад намуда, тавсияҳои илмӣ-таҳқиқотии худро барои дар оянда истифода намудани аспирант пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд намуда, саҳми аспирантро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Ибодов Аваз Ҳасанович муҳаққиқи ҷавону кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи як қатор таълифоти илмӣ ва иштирокчии фаъоли конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар истифодаи самараноки роҳҳои баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ саҳми назаррас мегузорад.

Ибодов Аваз Ҳасанович ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедраҳо, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи

ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, анҷомёфта ҳисобида шавад;

2. Диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, бо назардошти иловаҳои пешниҳодгардида аз ҷониби баромадкунандагон ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия дода шавад;

3. Қарори якҷояи кафедраҳои молия ва суғурта, кори бонкӣ ва системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28-уми октябри соли 2023, суратмаҷлиси №3 тасдиқ карда шавад.

**Раис:**
н.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи
кори бонкии ДМТ Ғаюров Ғ.Ҳ.

**Котиб:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
системаҳои иттилоотӣ дар
иқтисодиёти ДМТ Юсупов Ш.Н.

Дурустии имзоҳои **Ғаюров Ғ.Ҳ.** ва **Юсупов Ш.Н.- ро** тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.